# Маълумот дар бораи ҳуқуқҳои муҳоҷирон - қурбониёни хушунати хонаводагӣ дар ИМА ва муҳоҷират тавассути раводиди издивоҷ

**Мақсад:**

Муҳоҷирон махсусан аз он ҷиҳат осебпазиранд, ки аксарияташон забони англисиро намедонанд, аз оила ва дӯстони худ ҷудо ҳастанд ва шояд аз қонунҳои Иёлоти Муттаҳида бехабаранд. Аз ин сабаб муҳоҷирон аксар вақт метарсанд, ки дар бораи хушунати хонаводагӣ ба пулис хабар диҳанд ё роҳҳои дигари кӯмакро ҷӯянд. Чунин ҳисси тарс боиси дар муносибатҳои хушунатомез мондани бисёре аз муҳоҷирон мегардад.

Маълумотномаи мазкур ба шумо дар бораи хушунати хонаводагӣ маълумот дода, аз ҳуқуқҳои шумо дар Иёлоти Муттаҳида хабар медиҳад. Тибқи талаботи Санад дар бораи танзими фаъолияти оҷонсиҳои издивоҷи байналмилалӣ (IMBRA) аз ҳукумати ИМА талаб карда мешавад, ки ба арӯсҳо (домодҳо) ва ҳамсарони хориҷие, ки ба Иёлоти Муттаҳида муҳоҷират мекунанд, маълумот дар бораи ҳуқуқҳои онҳо, инчунин таърихи бадрафтории ҷиноятӣ ё зӯроварии хонаводагӣ, ки аз ҷониби арӯс (домод) ё ҳамсари амрикоияшон содир шудааст, дастрас намояд. Яке аз ҳадафҳои асосии IMBRA ин таъмин намудани арӯсҳо (домодҳо) ва ҳамсарони муҳоҷираткунанда бо маълумоти дақиқ дар бораи раванди муҳоҷират ва дар сурати ба муносибатҳои хушунатомез дучор шудан, ба куҷо муроҷиат кардан, мебошад.

**Зӯроварии хонаводагӣ чист?**

Зӯроварии хонаводагӣ як усули рафторест, ки дар он шарики маҳрамона ё ҳамсар нисбати якдигар таҳдид ё бадрафторӣ мекунад. Зуроварӣ метавонад зарари ҷисмонӣ, муносибатҳои маҷбурии ҷинсӣ, сӯистеъмоли эҳсосотӣ (аз ҷумла ҷудонигоҳдорӣ ё тарсондан), таҳдидҳои иқтисодӣ ва/ё муҳоҷиратиро дар бар гирад. Дар ҳоле ки аксари ҳодисаҳои хушунати хонаводагӣ ба хушунати мардон нисбат ба занон ва кӯдакон марбутанд, мардон низ метавонанд қурбонии хушунати хонаводагӣ шаванд.

Зӯроварии хонаводагӣ метавонад таҷовузи ҷинсӣ, муносибати номатлуб нисбати кӯдакон ва дигар ҷиноятҳои зӯровариро дар бар гирад. Таҷовузи ҷинсӣ ҳама гуна амалҳои ҷинсие мебошад, ки шумо ба он розӣ нестед, ҳатто агар ин ҳамсари шумо бошад ва амалҳои зеринро дар бар мегирад: зӯроварии ҷисмонӣ (ҳама гуна зарари ғайритасодуф ба вуҷудомада, аз ҷумла ҷазои аз ҳад зиёд), беэътиноии ҷисмонӣ (надодани хӯрок, дур кардан аз манзил, нарасонидани кӯмаки тиббӣ ё беназоратӣ), зӯроварии ҷинсӣ ва таҳқири эҳсосотӣ (таҳдид, радди зоҳир кардани меҳр, даст кашидан аз дастгирӣ ё роҳнамоӣ).

Дар Иёлоти Муттаҳида дар ҳама ҳолатҳо зӯроварии хонаводагӣ, таҷовузи ҷинсӣ ва муносибати номатлуб нисбати кӯдакон ғайриқонунӣ аст. Қонун муҳофизатро аз бадрафторӣ барои ҳамаи одамон дар ИМА (новобаста аз нажод, ранг, дин, ҷинс, синну сол, миллат ва мақоми муҳоҷиратӣ) кафолат медиҳад. Ҳар як қурбонии хушунати хонаводагӣ, новобаста аз мақоми муҳоҷиратӣ ва шаҳрвандӣ, ҳуқуқи дастрасӣ ба кӯмакро дорад. Ҳар як муҳоҷире, ки қурбонии хушунати хонаводагӣ гаштааст, метавонад аз муҳофизати муҳоҷиратӣ истифода кунад.

Агар шумо дар хонаи худ ба зӯроварӣ дучор шудед, пас шумо танҳо нестед. Ин маълумотнома ба шумо барои беҳтар фаҳмидани қонунҳои Иёлоти Муттаҳида ва дар ҳолати зарурӣ ба куҷо муроҷиат кардан, кӯмак мерасонад.

**Қурбониёни хушунати хонаводагӣ дар ИМА кадом ҳуқуқҳоро доранд?**

Ба ҳамаи одамоне, ки дар Иёлоти Муттаҳида қарор доранд, новобаста аз мақоми муҳоҷиратӣ ё шаҳрвандиашон, ҳимояи асосӣ дар доираи қонуни ҳам шаҳрвандӣ ва ҳам ҷиноӣ кафолат дода мешавад.

Қонунҳое, ки масъалаи оилавиро танзим мекунанд, ба шумо имкониятҳои зеринро фароҳам меоваранд:

- Ҳуқуқи гирифтани фармони судӣ барои ҳимояи худ ва фарзанди(фарзандони) худ;
- Ҳуқуқи алоҳида зиндагӣ кардан ё талоқ бидуни розигии ҳамсар;
- Ҳуқуқи тақсими моликияти муайяни оила. Дар сурати талоқ, суд метавонад ҳама молу мулк ё дороии молиявиро, ки шумо ва ҳамсаратон дар якҷоягӣ ба даст овардаед, тақсим кунад;
- Ҳуқуқи гирифтани парасторӣ нисбати фарзандатон(фарзандонатон) ва расондани кӯмаки молиявӣ ба шумо. Аз волидони кӯдакони то 21-сола аксар вақт талаб карда мешавад, ки барои ҳар як кӯдаке, ки бо онҳо зиндагӣ намекунад, кӯмаки молиявӣ пардохт намоянд.

Бо ҳуқуқшиносе, ки бо масъалаҳои ҳуқуқи оилавӣ сарукор дораду бо муҳоҷирон кор мекунад, машварат кунед ва муҳокима намоед, ки чӣ тавр муқарраротиин қонун дар бораи оила ба шумо таъсир ё кӯмак расонида метавонад.

Тибқи қонунҳои Иёлоти Муттаҳида ҳар як қурбонии ҷиноят, новобаста аз мақоми муҳоҷиратӣ ё шаҳрвандиаш, метавонад ба пулис занг зада, кӯмак пурсад ё фармон дар бораи муҳофизат гирад.

Агар ба шумо ё фарзандатон(фарзандонатон) хатар таҳдид кунад, ба пулис тариқи рақами 911 занг занед.  Пулис метавонад арӯс (домод), ҳамсар, шарики шумо ё шахси дигарро дастгир кунад, агар боварӣ дошта бошад, ки аз ҷониби он шахс ҷиноят содир шудааст.  Шумо бояд дар бораи ҳама гуна хушунат, ки ҳатто дар гузашта рух додааст, ба пулис хабар диҳед ва ҷароҳатҳои гирифтаро нишон диҳед.  Ҳар як шахс, новобаста аз мақоми муҳоҷиратӣ ё шаҳрвандӣ, метавонад дар бораи ҷиноят хабар диҳад.

Ҳамчунин, агар шумо қурбонии хушунати хонаводагӣ бошед, метавонед барои фармон барои муҳофизат ба суд муроҷиат кунед. Фармони суд дар бораи муҳофизат ё маҳдудкунӣ метавонад ба зӯровар зангзанӣ, алоқакунӣ, наздикшавӣ ё зарprofilerасониро ба шумо ва фарзандатон(фарзандонатон) манъ кунад.  Агар зӯровар фармон дар бораи муҳофизатро вайрон кунад, шумо метавонед ба пулис занг занед, то зӯроварро дастгир кунад. Аризаҳо барои дархости фармон дар бораи муҳофизат дар додгоҳҳо, шӯъбаҳои пулис, паноҳгоҳҳои занон ва идораҳои хизматрасониҳои ҳуқуқӣ дастрасанд.

Агар зӯровар шуморо ба ҷиноят айбдор кунад, шумо, новобаста аз мақоми муҳоҷиратӣ ё шаҳрвандиатон, ҳуқуқҳои асосӣ доред, аз ҷумла ҳуқуқи бо ҳуқуқшинос сӯҳбат кардан, ҳуқуқи бидуни ҳуқуқшинос ба саволҳо ҷавоб надодан ва ҳуқуқи суханронӣ бар ҳимояи худ.  Муҳим аст, ки шумо ҳам бо ҳуқуқшинос оид ба масъалаҳои муҳоҷиратӣ ва ҳам бо ҳуқуқшинос оид ба масъалаҳои ҷиноӣ сӯҳбат кунед.

**Кадом хизматрасониҳо барои қурбониёни хушунати хонаводагӣ ва таҷовузи ҷинсӣ дар ИМА дастрасанд?**

Дар Иёлоти Муттаҳида қурбониёни ҷиноят, новобаста аз мақоми муҳоҷиратӣ ва шаҳрвандӣ, барои гирифтани кӯмак аз ташкилотҳои давлатӣ ё ғайридавлатӣ дастрасӣ доранд, ки он машварат, хизматрасонии тарҷумонӣ, паноҳгоҳи фавқулодда ва ҳатто кӯмаки пулиро дар бар мегиранд.

Дар поён рақамҳои телефонии “доимамалкунанда” бо операторони омӯзонидашуда, ки ба қурбониён 24 соат ройгон кӯмак мерасонанд, оварда шудаанд. Тарҷумонон тавассути ҳамин рақамҳо метавонанд шуморо бо дигар хадамотҳои ройгони минтақавӣ барои қурбониён, аз ҷумла бо паноҳгоҳҳои фавқуллода, ёрии тиббӣ, машваратдиҳии равонию ҳуқуқӣ пайваст кунанд. Агар шумо имкони пардохти хизматрасониҳои ҳуқуқшиносро надошта бошед, пас шумо метавонед аз барномаи ёрии ҳуқуқии ройгон ё камарзиш барои қурбониёни ҷинояти муҳоҷиратӣ ва хушунати хонаводагӣ истифода баред.

*Телефони доимамалкунандаи миллӣ оид ба хушунати хонаводагӣ*
*1-800-799-SAFE (1-800-799-7233)*
*1-800-787-3224 (телефон барои шахсони ношунаво)*
*www.ndvh.org*

*Телефони доимамалкунандаи миллии Шабакаи миллӣ оид ба таҷовузи ҷинсӣ, зӯроварӣ ва таҷовузи хешовандӣ (RAINN)*
*1-800-656-HOPE (1-800-656-4673)*
*www.rainn.org*

*Маркази миллии кӯдакони гумшуда ва истисморшуда*
*1-800-THE-LOST (1-800-843-5678)*
*www.missingkids.com*

*Маркази миллии қурбониёни ҷиноят*
*1-800-FYI-CALL (1-800-394-2255)*
*1-800-211-7996 (телефон барои шахсони ношунаво)*
*www.ncvc.org*

Эзоҳ:  Вазифаи асосии ин ташкилотҳо таъмини амният ва муҳофизат мебошад.

**Агар ман қурбонии хушунати хонаводагӣ, таҷовузи ҷинсӣ ё дигар ҷиноят шавам, пас ман кадом имконотҳои муҳоҷиратиро дорам?**

Барои муҳоҷироне, ки қурбонии хушунати хонаводагӣ, таҷовузи ҷинсӣ ё дигар намудҳои мушаххаси ҷиноят шудаанд, се роҳи муроҷиат барои дарёфти мақоми муҳоҷиратӣ барои худ ва фарзандашон (фарзандонашон) вуҷуд дорад. Аризаи қурбонӣ махфӣ буда, ҳеҷ кас, ҳатто зӯровар, ҷинояткор ё аъзои оила дар бораи аризаи додаашон огоҳӣ нахоҳад ёфт.

- Ариза аз номи худ барои тағйир додани мақоми ҳуқуқӣ дар доираи Қонун дар бораи хушунат зидди занон (VAWA);

- Ариза дар бораи бекор кардани қарор оид ба депортатсия дар доираи Қонун дар бораи хушунат зидди занон (VAWA);
- Ба қурбонӣ таъин намудани мақоми ғайримуҳоҷиратии категорияи U (қурбонии ҷиноят).

Ин имтиёзҳои муҳоҷиратӣ ҳар кадоме талаботҳои мушаххас дорад, ки бояд исбот карда шаванд. Бо ҳуқуқшиносе, ки бо қурбониёни хушунати хонаводагӣ кор мекунад, машварат ва муҳокима намоед, ки кадоме аз ин имтиёзҳои муҳоҷиратӣ метавонад ба шумо таъсир ё кӯмак расонад.

### Раванди муҳоҷират дар асоси издивоҷ чӣ гуна сурат мегирад?

Раванди муҳоҷират дар асоси издивоҷ барои дарёфти мақоми ҳуқуқии муҳоҷир дар Иёлоти Муттаҳида аз якчанд марҳила иборат буда, бо мурури замон ҳуқуқи гирифтани шаҳрвандиро иҷозат медиҳад. Ин марҳилаҳо аз намуди раводиди издивоҷӣ, ки шумо тариқи он ба ИМА ворид мешавед, ва чанд омили дигар вобастаанд. Дар поён шарҳи мухтасари баъзе аз ин намуди раводидҳо ва маълумот дар бораи ҳуқуқҳои шумо оварда шудааст.

*Мақоми ғайримуҳоҷиратии К-1* (ҳамчун арӯс ё домоди шаҳрванди ИМА) - шумо бояд бо шаҳрванди ИМА дар тӯли 90 рӯз пас аз расидан ба Иёлоти Муттаҳида издивоҷ кунед ё аз ИМА хориҷ шавед. Пас аз издивоҷ бо арӯси (ё домоди) худ, ки шаҳрванди ИМА мебошад ва барои шумо барои гирифтани раводид ариза супоридааст, шумо бояд Ариза барои бақайдгирӣ ҳамчун иқоматкунандаи доимии ИМА ё Ариза барои тағйир додани мақоми худ (формаи I-485) супоред. Агар формаи I-485-и шумо тасдиқ гардад, мақоми шумо аз категорияи ғайримуҳоҷиратии К ба мақоми иқоматкунандаи доимии шартӣ иваз карда мешавад. Ин мақоми шартӣ ба шумо барои ду сол дода мешавад.

Агар шумо дар Иёлоти Муттаҳида бимонед, вале бо шаҳрванди Иёлоти Муттаҳида, ки раводиди К-1-и шуморо сарпарастӣ кардааст, издивоҷ накунед ё бо каси дигар издивоҷ кунед, пас шумо шартҳои раводиди додашударо вайрон мекунед, мақоми ҳуқуқии худро аз даст медиҳед ва метавонед аз ИМА депортатсия шавед ё муҷозоти дигар гиред.

*Мақоми ғайримуҳоҷиратии К-3* (ҳамчун ҳамсари шаҳрванди Иёлоти Муттаҳида) ба шумо иҷозат медиҳад, ки ба Иёлоти Муттаҳида муваққатан ворид гардида, мунтазири тасдиқи Ариза барои раводид дар асоси оила (I-130) шавед. Пас аз тасдиқи I-130 ба шумо ҳуқуқи мақоми иқоматкунандаи доимии қонунӣ (дорандаи грин корт) дода мешавад ва ба шумо лозим меояд, ки Ариза барои бақайдгирии иқомати доимӣ ё Ариза барои тағйир додани мақоми худ формаи I-485-ро супоред.

Шахсоне, ки дорои дигар мақоми муҳоҷиратӣ дар асоси издивоҷ мебошанд, бояд дар асоси маълумоти аз консулгарии ИМА дастрасшуда амал кунанд. Маълумоти иловагиро метавонед аз сомонаи зерин бихонед: http://www.uscis.gov

### Чӣ гуна муҷозот барои издивоҷи қалбакӣ пешбинӣ шудааст?

Муҳоҷироне, ки издивоҷи қалбакӣ мекунанд, метавонанд аз кишвар хориҷ гарданд ё ҳабс шуда, аз имтиёзҳои муҳоҷиратӣ дар Иёлоти Муттаҳида маҳрум гарданд. Барои издивоҷи қалбакӣ ҷазо то 5 (сол) аз озодӣ маҳрум гаштан ё ҷарима ба маблағи 250 (ду саду панҷоҳ) ҳазор доллари ИМА пешбинӣ шудааст.

### Агар ман бо шаҳрванди ИМА, ки барои ман баҳри дарёфти мақоми муҳоҷиратӣ аризасупорӣ кардааст, издивоҷ карда бошам, пас мақоми муҳоҷиратии ман чӣ гуна аст?

Агар шумо аз лаҳзаи тасдиқ шудани формаи I-485, камтар аз ду сол издивоҷ карда бошед, пас Хадамоти ИМА оид ба масоили шаҳрвандию муҳоҷират (USCIS) ба шумо мақоми иқоматкунандаи доимии шартиро медиҳад. Шумо ва ҳамсаратон 90 (навад) рӯз пеш аз дусолагии гирифтани мақоми иқоматкунандаи шартиатон, бояд барои бекор кардани мақоми шартӣ ариза супоред. Барои ин шумо бояд ҳақиқӣ ва эътиборнок будани издивоҷи худро исбот кунед. Пас аз бекор кардани мақоми шартӣ, ба шумо мақоми иқоматкунандаи доимӣ дода мешавад ва шумо дигар аз ҳамсари амрикоии худ вобаста нахоҳед буд.

Агар дар вақти тасдиқи формаи I-485, шумо аллакай зиёда аз ду сол дар қайди никоҳ қарор доред, пас шумо метавонед мақоми иқоматкунандаи доимии ИМА-ро аз Хадамоти ИМА оид ба масоили шаҳрвандию муҳоҷират (USCIS) бигиред. Пас аз ин, мақоми муҳоҷиратии шумо дигар аз ҳамсари амрикоиатон вобаста нест.

Дар се ҳолат қонун ба иқоматкунандагони шартӣ иҷозат медиҳад, ки бекоркунии талаботи аризасупории якҷоя бо ҳамсарро дар бораи бекор кардани шартҳо дархост кунанд: 1) Хориҷкунии иқоматкунандаи шартӣ аз ИМА метавонад боиси мушкилиҳои вазнин гардад; ё 2) Ақди никоҳ дар чаҳорчӯбаи қонун бекор карда шудааст, ба истиснои сабаби фавт, ва аризадиҳанда айбдор нест, ки ариза дар бораи

бекор кардани асоси шартии мақоми худро саривақт пешниҳод накардааст; ё 3) Дар давоми ҳаёти оилавӣ ҳамсар, ки шаҳрванди ИМА мебошад ё дорандаи мақоми иқоматкунандаи доимии ИМА ҳаст, иқоматкунандаи шартиро таҳти латукӯби шадид ва муносибати бераҳмона қарор додааст. Ҳамаи се ҳолат бо истифода аз формаи I-175 гузориш дода мешавад ва аз шумо талаб карда мешавад, ки ҳақиқӣ будани ақди никоҳ ва қалбакӣ набудани онро исбот кунед.

**Боз бо кадом роҳҳо ҳукумати ИМА ба арӯсу домод (ҳамсар)-и хориҷӣ дар бораи ҳуқуқҳои онҳо маълумот пешниҳод менамояд ва аз муносибати бадрафторона нисбати онҳо ва фарзандонашон онҳоро муҳофизат кунанд?**

Санад дар бораи танзими фаъолияти оҷонсиҳои издивоҷи байналмилалӣ аз соли 2005 (IMBRA) – қонуни Иёлоти Муттаҳида мебошад, ки раванди муҳоҷират дар асоси издивоҷро бо мақсади кӯмак ба арӯсон (домодҳо) ва ҳамсарони хориҷӣ тағйир дода аст. IMBRA ҳукумати ИМА-ро вазифадор мекунад, ки арӯсони (домодҳо)-и хориҷиро бо маълумот дар бораи ҳуқуқҳои онҳо ва роҳҳои худмуҳофтзаткунӣ аз зӯроварии шарикони худ, ки раводиди онҳоро ба ИМА сарпарастӣ кардаанд, таъмин намояд.

Арӯсҳо (домодҳо) ва ҳамсарони муҳоҷир аксар вақт бо қонунҳои Амрико шинос нестанд ва аз дастгирии хешовандон ё дӯстон бо мақсади раҳоӣ аз зӯроварӣ дар хона маҳруманд.

IMBRA тартибдиҳӣ ва паҳнкунии маълумотномаи мазкурро талаб кардааст, то ин ки ба шумо дар бораи қонунҳо ва хизматрасониҳое, ки метавонанд ба шумо дар ҳолати бо зӯроварӣ дар Иёлоти Муттаҳида дучор гаштан кӯмак кунанд, маълумот диҳанд. IMBRA ба шаҳрвандони Иёлоти Муттаҳида аз сарпарастӣ кардани раводидҳои бисёр барои арӯсони (домодони) хориҷӣ манъ мекунад, агар ин шаҳрвандони ИМА таърихи ҷиноятҳои хушунатомез дошта бошанд. IMBRA аз ҳукумати ИМА талаб мекунад, ки ба арӯсон (домодон) ва ҳамсарони хориҷии шаҳрвандони ИМА нусхаи санҷиши доғи судиеро, пешниҳод намояд, ки Хадамоти ИМА оид ба масоили шаҳрвандӣ ва муҳоҷират (USCIS) нисбат ба шаҳрвандони ИМА-сарпарастон мегузаронад. Тибқи ин талабот бояд инчунин нусхаи аризаи сарпарастии раводид пешниҳод карда шавад.

**Чӣ гуна ҳукумати ИМА фаъолияти Оҷонсиҳои издивоҷи байналамилалиро танзим мекунад?**

Агар оҷонсӣ ба стандартҳои оҷонсии издивоҷи байналмилалӣ ҷавобгӯ бошад, пас он ӯҳдадор аст натиҷаҳои санҷиши гузаштаи муштарии амрикоиро, ки мехоҳад бо шумо алоқа кунад, аз ҷумла маълумот аз рӯйхатҳои кушодаи федералӣ ва давлатии шахсони алоҳида, содиркунандагони ҷиноятҳои ҷинсӣ, ба шумо пешниҳод кунад ва қабл аз пешниҳодии маълумоти тамоси шумо ба муштарии амрикоии худ, оҷонсӣ бояд розигии хаттии шуморо гирад. Инчунин оҷонсӣ вазифадор аст, ки ба шумо нусхаи маълумотнома мазкурро пешниҳод намояд. Агар шумо ба синни 18 нарасида бошед, ба оҷонсӣ бо шумо сарукор доштан манъ карда шудааст.

**Оё ман ба маълумот дар бораи доғи судии арӯс (домод)-и амрикоии худ такя карда метавонам?**

Маълумот дар бораи доғи судӣ, ки аз ҷониби оҷонсӣ тартиб дода шудааст, аз сарчашмаҳои гуногун ва инчунин маълумоте, ки муштарии амрикоӣ дар аризаи худ барои муҳоҷират пешниҳод намудааст, меояд. Хадамоти ИМА оид ба масоили муҳоҷиратӣ ва шаҳрвандӣ ба ҳамаи пойгоҳҳои иттилоотӣ дар бораи доғи судӣ дар ИМА дастрасӣ надорад. Шаҳрванди ИМА-сарпарасти раводиди муҳоҷиратӣ метавонад дар аризаи худ ҳақиқатро дар бораи гузаштаи ҷиноии худ пинҳон кунад. Инчунин мумкин аст, ки шаҳрванди ИМА дорои таърихи рафтори хушунатомез мебошад, лекин боре ҳам барои он дастгир ё маҳкум карда нашудааст. Аз ин лиҳоз, шояд маълумот дар бораи доғи судӣ, ки ба шумо пешниҳод мегардад, нопурра бошад. Нияти IMBRA аз он иборат аст, ки ба арӯсон (домодҳо) ва ҳамсроне, ки майли муҳоҷират доранд, маълумот ва захираҳои мавҷударо пешниҳод кунад. Ниҳоятан худи шумо барои қабули қарор нисбат ба он, ки оё шумо худро дар ин муносибатҳо бехатар ҳис мекунед, масъул мебошед.

**Оё арӯсон (домодҳо) ва ҳамсарони хориҷӣ, ки қурбонии зӯроварии хонаводагӣ ҳастанд, инчунин қурбонии савдои одамон буда метавонанд?**

Дигар шаклҳои истисмор, аз ҷумла савдои одамон дар баробари зӯроварии хонаводагӣ рух дода метавонанд, вақте ки истисмор бо меҳнат, хизматрасониҳои маҷбурӣ ё амалҳои шаҳвонии тиҷоратӣ алоқаманд аст.

Дар сурати бо ҳолатҳои савдои одамон рӯ ба рӯ шудан, шумо метавонед бо суроға ё рақами телефони зерин муроҷиат карда, кӯмаки мувофиқро дарёфт кунед:

*Маркази захиравии миллӣ доир ба масъалаҳои савдои одамон*
*1-888-373-7888 (шабонарӯзӣ, ҳафтаи пурра)*
*http://www.acf.hhs.gov/trafficking/*

*Телефони боварии гурӯҳи махсус оид ба масъалаҳои савдои одамон ва истисмори коргарон, Вазорати адлияи ИМА*
*1-888-428-7581 (душанбе-ҷумъа, соатҳои 9:00-17:00)*
*http://www.usdoj.gov/crt/crim/tpwetf.php/*

Маълумоти иловагиро метавонед дар сомонаи интернетии мо дастрас кунед ё ба рақами телефони дар зер овардашуда ройгон занг занед.

Маълумоти умумии Хадамоти ИМА оид ба масоили муҳоҷиратӣ ва шаҳрвандӣ
Дар ИМА, занги телефонии ройгон бо рақами:
1-800-870-3676
ё сомонаи зеринро бинед:  http://www.uscis.gov